# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, аз рӯи ихтисосҳои 6D020100-фалсафа, 6D020600-диншиносӣ, дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсисёфта, доир ба диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи «Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03.–таърихи фалсафа.**

**Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:**

**–доктори илмҳои фалсафа, профессор, Назариев Рамазон (09.00.03. – таърихи фалсафа), раис.**

**- доктори илмҳои фалсафа, профессор Диноршоева Зарина Мусоевна (09.00.03.- таърихи фалсафа), аъзо;**

**–доктори илмҳои фалсафа, проффесор Самиев Бобо Ҷураевич аз рӯйи ихтисоси (09.00.03.- таърихи фалсафа), аъзо;**

Аъзои комиссия диссертатсияи **Назаров Саъдулло Турахоновичро** дар мавзӯи **«Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа»** таҳлилу баррасӣ намуда, таъкид карданд, ки афкори иҷтимоӣ-сиёсӣ дар таълимоти фалсафии Ибни Боҷҷа мавқеи намоён дошта, он дар асоси таъсири фалсафаи Машшоия, бахусус Арасту ва Форобӣ ташаккул ёфтааст ва дар замони имрӯза таҳқиқи ин мавзӯъ аз ҷониби диссертант як қадами устувор дар рушди фалсафаи Машшоия мебошад.

Диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович ба таҳқиқи афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа бахшида шуда, дар он нуқтаҳои муҳими таълимоти Ибни Боҷҷа оиди масъалаҳои мазкур дар асоси осори худи мутафаккир ва асарҳои таҳқиқотии олимони муосир таҳлилу баррасӣ

гардидааст. Ҳамчунин дар диссертатсия таълимоти Ибни Боҷҷа оиди ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ, моҳияти шахсияту ҷомеа ва дигар масъалаҳои фалсафаи амалӣ таҳлилу баррасӣ гардида, таъсири ин масоил ба пайравони баъдии мактаби машшоия дар Андалусия нишон дода шудааст, ки диссертант вобаста ба онҳо таҳлилу баррасиҳои мукаммали илмӣ ва хулосаҳои зарурӣ баровардааст.

Аҳамияти тадқиқоти диссертатсия ҳамчунин дар он зоҳир мегардад, ки сарфи назар аз пешрафти андешаҳои муосири илм ва фалсафаи ҷаҳонӣ, афкор ва осори мутафаккирони баландпояе аз қабили Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Боҷҷа ва дигарон ҳамчун сарманшаи ташаккулёбии ҷаҳонбинии донишмандон ва муҳаққиқони муосир хизмат мекунанд. Ҳар як насли нав бо тақозои давру замонҳои худ боз ба онҳо муроҷиат менамояд ва чизеро дармеёбад, ки дигарон ба он таваҷҷӯҳи камтар додаанд. Маҳз ҳамин нуктаҳо низ аз ҷониби диссертант ба таври мушаххас нишон дода шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** дар он аст, ки омӯзиши афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа ба сифати мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ бори аввал интихоб шуда, масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, моҳияти шахсияту ҷомеа ва дигар масъалаҳои фалсафаи амалии ӯ дар замони муосир бори аввал мавриди таҳқиқу баррасии мукаммал қарор мегиранд;

Масъалаҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ дар афкори фалсафии Ибни Боҷҷа, ки то ин вақт дар таҳқиқотҳои илмӣ дар шакли низоми муайяни илмӣ таҳқиқ нашуда буданд, пай дар пай ва тавсифи баёни худро пайдо карданд;

Масъалаи шахс ва мақоми ӯ дар ҷомеа, ки яке аз масъалаҳои муҳими фалсафаи машшоия ба ҳисоб меравад, дар ҳеҷ яке аз таҳқиқотҳои Ибни

Боҷҷа коркард нашудааст ва дар рисолаи мазкур бори нахуст таҳлили илмии ҳамаҷонибаи худро ёфтааст;

Мавод ва хулосаҳои умумии тадқиқот, ки дар рафти омӯзиши афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа ба даст омадаанд, ба фаҳмиши нави онҳо дар партави пешрафтҳои муосири илмҳои фалсафӣ мусоидат карда, тафовути замонро комилан инъикос менамояд. Аммо умқи андешаҳо, вусъати тахайюлот, устувории мантиқи баёни фикри мутафаккир шоёни таҳсину офарин аст. Тадқиқот дар васеътар шудани фаҳмишҳои проблемаҳои фалсафӣ, махсусан дар самти шинохти амиқтар ва беҳтари масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, моҳияти шахсият ва ҷомеа аз назари мутафаккир мусоидат намуда, дорои аҳамияти баланди илмӣ -назариявӣ мебошанд.

Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва хулосаҳои онро метавон дар омӯзиши минбаъдаи ақидаҳои фалсафии Ибни Боҷҷа ва ва умуман фалсафаи Шарқ истифода намуд. Дар баробари ин, метавон маводи онро барои таҳияи барномаҳои дарсӣ, машғулиятҳои лексионӣ ва семинарҳо оид ба фалсафа ва фарҳанги исломӣ, таърихи фалсафа, фалсафаи фарҳанг, фалсафаи антропологӣ, таърихи ислом ва диншиносӣ истифода кард.

**Дар диссертатсия навгониҳои зерин ба назар мерасанд:**

Дар Тоҷикистон мероси фалсафӣ-назариявии Ибни Боҷҷа бори аввал баррасӣ мегардад. Таълимоти фалсафии Ибни Боҷҷа дар ин таҳқиқот масъалагузорӣ карда шудаанд, ки барои таҳқиқоти мукаммал дар оянда оид ба осори ӯ мусоидат хоҳад кард. Таҳлилҳо ва истифодаи маводу сарчашмаҳои навин, ки дар ин кори илмӣ оварда шудаанд, имкон додаанд, ки таълимоти фалсафии Ибни Боҷҷа мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирад ва зимни он нуқтаҳои зерин ошкору равшан гарданд:

- муайян карда шуд, ки шароити иҷтимоиву сиёсии замони зиндагии Ибни Боҷҷа хеле мураккаб будааст. Бо вуҷуди ин, мутафаккир тавонистааст

ба рушду инкишофи фарҳанг ва илми замонаш, ки зери таъсири ду фарҳанг сурат гирифтааст, мусоидат кунад. Синтези ҳикмати Юнон ва ислом, ки дар таълимоти фалсафии Ибни Боҷҷа ба назар мерасад далели гуфтаҳои болост;

- мушаххас карда шуд, ки ҳастишиносии Ибни Боҷҷа ба назарияи ҳастишиносии Ибни Сино ва Форобӣ сахт шабоҳат дорад. Дар баробари ҷавҳари аҷсом Ибни Боҷҷа дар пайравӣ ба Ибни Сино ва Форобӣ масъалаҳои назарияи сабабият, ҳаракат, макон ва замон, азалият ва абадияти олам, масъалаи тағйирот ва сабот, инчунин ҷиҳатҳои фалсафии таълимот дар бораи нафсро мавриди таҳлил қарор додааст;

- бори нахуст кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки масъалаи маърифатшиносӣ дар афкори фалсафии Ибни Боҷҷа, ки то ин вақт дар таҳқиқотҳои илмӣ дар шакли низоми муайяни илмӣ таҳқиқ нашуда буд, пай дар пай тавсифу баёни худро пайдо кунад;

- дар рафти таҳқиқот мушаххас гардид, ки Ибни Боҷҷа ба он муқаррароте такя менамояд, ки инсон аз рӯи табиати худ узви ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсӣ-фарҳангӣ мебошад. Ба андешаи ӯ, муттаҳид гардидан дар шаҳрҳо талаботи табиӣ буда, он сабаби маърифатнокӣ ва унс гирифтани одамон мегардад. Масъалаи шахс ва мақоми ӯ дар ҷомеа, ки яке аз масъалаҳои муҳими фалсафаи машшоия ба ҳисоб меравaнд, дар осори Ибни Боҷҷа низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ибни Боҷҷа нисбати онҳо назари тозаи худро дорад, ки дар таҳқиқотҳои то ба ин вақт анҷомшуда камтар ба онҳо эътибор дода шуда буд. Дар рисола масъалаи мазкур таҳлили муфассали худро пайдо кардааст;

- масъалаҳои фалсафаи амалии мутафаккир бори аввал мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд, аз ҷумла масъалаи оила, муоширaт, тарбияи фарзанд ва ғайра.

Бо матни рисолаи **Назаров Саъдулло Турахонович** дар мавзӯи **«Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа»** шинос шуда, натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки диссертант кӯшиш намудааст, ки таълимоти фалсафӣ ва

иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷаро ба таври муфассал таҳлил намуда, тавсияҳои илмии муассир пешниҳод намояд.

Ҳайати комиссия бо диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи «Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа» шинос шуда ба чунин хулоса омад:

1. Диссертатсияи мазкур ба талаботи илмии таҳқиқотии дар соҳаи таърихи фалсафа ҷавобгӯ буда, афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷаро дар сатҳи зарурӣ ифода кардааст. Дар диссертатсия осори асосии Ибни Боҷҷа истифода гардида, мухтавои онҳо дар доири мавзӯъ таҳлилу баррасӣ шуда, ба ихтиссоси 09.00.03.-таърихи фалсафа мувофиқат мекунад;

2. Мазмуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад;

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Назаров Саъдулло Турахонович дар 4 мақолаи илмии ӯ, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дарҷ шудаанд;

4. Пешниҳод карда мешавад, ки доир ба диссертатсияи Назаров Саъдулло ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлати забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъйин карда шавад;

5. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи **«Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа»** мутахассисони зерин таъйин карда шаванд: 1. Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ; 2. Султонзода Соқӣ Аслон – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълимии забони фаронсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

6. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

7. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия, пас аз таҳрир иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор /____________/ Назариев Р.З.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Диноршоева З.М.

доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Самиев Б.Ҷ.